**Протоколи №31-и**
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-117 дар
назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи
Сотим Улуғзода

аз 20-уми августи соли 2026 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:** аз 16 нафар аъзои шуро 14 нафар, 4 аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда

**Раиси шуро:** Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми феврали 2026, №53/шд тасдиқгардида, 14 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафарашон доктcorrespondingрони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки ҷаласаи шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Тарафдор? Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Даминзода Мадина Зокир дар мавзуи “Вижагиҳои сохторӣ ва маънoии истилоҳоти меъморӣ дар забонҳои гуногунсохтор (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ – **Ҷабборова Марҳабо Тухтасуновна** ва узви комиссияи экспертӣ – **Муҳиддинова Таҳмина Ҳамроқуловна** оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи **Даминзода Мадина Зокир** дар мавзуи “Вижагиҳои сохторӣ ва маънoии истилоҳоти меъморӣ дар забонҳои гуногунсохтор (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)” ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст. (Хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи **Даминзода Мадина Зокир** дар мавзуи “Вижагиҳои сохторӣ ва маънoии истилоҳоти меъморӣ дар забонҳои гуногунсохтор (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣпешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи **Даминзода Мадина Зокир** дар мавзуи **"Вижагиҳои сохторӣ ва маъноии истилоҳоти меъморӣ дар забонҳои гуногунсохтор (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)"** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣба ҳимоя қабул карда шавад;

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– **Мухторов Зайнидин Мухторович** – доктори илмҳои филологӣ, дотсент, ректори Филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе;

– **Азимова Матлуба Нуриддиновна** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи типология ва забоншиносии муқоисавии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров";

– **Давлатмирова Манижа Бораковна** – доктори илмҳои филологӣ, дотсент, иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедраи забоншиносии назариявӣ ва татбиқии Донишгоҳи Славянии Россияву Тоҷикистон.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** Муассисаи давлатии таълимии **"Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав"** пешниҳод карда мешавад;

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад;

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад;

6. Таърихи баргузории ҳимоя 28.11.2026, соати 9:00 муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест.
**Қарор якдилона ҷонибдорӣ карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж.Б.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, дотсент Соҳибназарзода Ҳ.Т.